# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна ба таҳқиқ ва омӯзиши вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки саҳми адибон ва мутафаккирони классикии тоҷик дар ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони адабии классикии тоҷик назаррас аст. Омӯзишу таҳқиқи таркиби луғавии осори мутафаккирони классикии тоҷик яке аз вазифаҳои муҳимми забоншиосони тоҷик маҳсуб мешавад. Лексикаи “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз захираҳои боэътимоди луғавии забони адабии пешин маҳсуб мешавад. Нависанда дар асараш вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабию туркиро бамаврид ва самаранок истифода бурдааст. Инчунин, дар осори ин адиби бузург вожаҳои зиёде корбаст шудаанд, ки фарогири соҳаҳои мухталифи рӯзгори ҷомеаи имрӯза мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии таркиби луғавии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ муҳимму арзишманд ба шумор меравад, зеро осори ӯ барои муайян ва равшан намудани рушди таркиби луғавии забони адабии классикии тоҷик зарур буда, дар асоси маълумоти асари ӯ таърихи забони тоҷикиро дар муқоиса ба ҳолати имрӯзаи он муайян кардан мумкин аст. Дар таҳқиқоти мазкур натанҳо низоми луғавии забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои умумии ташаккули он, ҳамчунин ба қисмҳои алоҳидаи семантикӣ, гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноӣ диққат дода шудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии осори ин мутафаккири бузурги тоҷику форс имконият фароҳам меояд, ки ҷанбаҳои мавзуӣ, семантикӣ, баромади вожа ва ибораҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ошкор

карда шавад. Дар забони тоҷикӣ омӯзиш ва таҳқиқи забон ва услуби осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва махсусан, асари ӯ "Ахлоқи муҳсинӣ" то ба имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна яке аз таҳқиқоти аввалин аст, ки дар он вижагиҳои лексикаи "Ахлоқи муҳсинӣ", ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби луғавии худ тафовут дошта, дар гуфтор оҳангу тобишҳои киноявиро равшантар, барҷастатар инъикос менамоянд ва онҳо аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамзамон, зарурати омӯзиши вожаҳои лексикаи "Ахлоқи муҳсинӣ" дар муқоиса бо забони адабӣ аз он ҷиҳат муфид аст, ки онҳо узван бо ҳам алоқаманд буда, дар иртиботи якдигар инкишоф меёбанд ва таъсири мутақобилаи онҳо вобаста ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи таърихии ҳаёти халқ сурат мегирад. Мавриди баррасӣ қарор додани ҷанбаҳои мухталифи унсурҳои забонии "Ахлоқи муҳсинӣ" имкон медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун муаррифӣ шавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагиҳои луғавию грамматикӣ ва услубии "Ахлоқи муҳсинӣ" маҳсуб мешавад. Инчунин муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳлилу таҳқиқи лексикаи "Ахлоқи муҳсинӣ" осори Ҳусайн Воизи Кошифиро ба мардум муаррифӣ намояд. Дар диссертатсияи мазкур муаллифи рисола роҷеъ ба калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, аз ҷумла, калимаҳои арабӣ, туркӣ ва юнонӣ маълумотҳои дуруст пешниҳод намуда, вижагиҳои фардию маъноӣ ва услубии унсурҳои забонӣ ва категорияҳои луғавии он ба монанди муродифоти луғавӣ, омонимҳо, вожаҳои зидмаъно, калимаҳои сермаъно, ки дар забоншиносии муосир басо муҳимманд, таҳлил карда шудааст. Инчунин, дар рисола вижагиҳои морфологӣ ва синтаксисии "Ахлоқи муҳсинӣ" аз назари муҳаққиқ дур

намондааст. Вожаҳои асари мавриди назар аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ, аъзои ҷумла ва аз нигоҳи сохтор пурра ва комилан баррасӣ карда шуданд.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ ва омӯзиши лексикаи "Ахлоқи муҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки то айни замон омӯхта нашудааст, бори аввал мавриди таҳқиқи муфассал ва ҳаматарафа қарор дода шудааст ва натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону таҳқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи унсурҳои забони классикиро мавриди омӯзиш қарор доданианд, ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия бевосита аз ҷониби муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Ҳамчунин, матни мухтасари «Ахлоқи муҳсинӣ» дар шакли китоби алоҳида бо номи «Дили бедор» таҳия гардидааст. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и "Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”–и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
- **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ пешниҳод карда мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷураева М.

«15» феврали соли 2024.